«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Сатторзода Бобочон Абдуҷаббор

"30" 07 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳусайнзода Сафаралӣ Мирзомурод дар мавзуи «Механизми таъмини сифртахрибии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ (дар мисоли кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илми эълоншуда. Диссертатсияи Ҳусайнзода Сафаралӣ Мирзомурод дар мавзуи «Механизми таъмини сифртахрибии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ (дар мисоли кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси корманди илм аз руйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ва бандҳои: 1, 7, 11, 21, 22, 50-и он мувофиқат менамояд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Рушди устувори кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ аз истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, бахусус, заминҳои кишти кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, сиёсати аграрӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳавӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои замини кишоварзӣ ва пешгирии таназзулёбии захираҳои замин, об ва иқлим равона мегардад. Ин вазъ, дар навбати худ, зарурати ҷустҷӯйи роҳҳо ва самтҳои асосии беҳдошти вазъи экологии заминҳои кишт ва экосистемаҳои табииро тақозо менамояд, чунки истифодаи ғайриоқилонаи заминҳои кишти кишоварзӣ боиси таназзули захираҳои замини кишт гардида, дар ниҳояти кор ба кам шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити камчинии заминҳои кишти кишоварзӣ, бахусус заминҳои обёришаванда масъалаи сифртахрибии истифодаи захираҳои замин ва беҳдошти вазъи муҳити зист хеле муҳим буда, он ба таъмини аҳолии минтақаҳои кишвар ба маҳсулотҳои асосии

озуқаворӣ ва расидан ба худтаъминкунии ғизои худӣ равона мегардад, ки он дар таъмини суботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақши созгор дорад. Дар шароити афзоиши бемайлони аҳолӣ ва маҳдуд будани заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, беҳдошти вазъи экологӣ омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ, бехатарии экологӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо намуда, омузиши паҳлуҳои назариявӣ-методологии самаранокии истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ дар заминаи консепсияи сифртахрибии захираҳои замин, мубрамӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмии мазкурро муайян менамояд.

3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия. Дар диссертатсия асоснокнамоии ҷанбаҳои назариявӣ-услубии таъмини сифртахрибии истифодаи замини кишоварзӣ ва коркарди механизмҳои танзими онҳо дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқу омузиш қарор дода шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ ба таҳияи ҷанбаҳои назариявии масоили таъмини сифртахрибии истифодаи захираҳои замин ва тавасияҳои услубӣ ва амалӣ оид ба беҳтар намудани вазъи экологии заминҳои кишти кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст. Ба ҳимоя муаллиф нуқтаҳои зерини навгониҳои илмӣ, ки он аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

- асосҳои назариявии ташаккул ва рушди механизмҳои сифртахрибии заминҳои кишти кишоварзӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок гардида, он ҳамчун низоми ташкилӣ-экологӣ ва табиӣ аз омилҳои зерин, ба мисли: экологӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва ҳавасмандиҳои молиявӣ, ки ба ҳифзу нигоҳдорӣ, ҳосилхезии заминҳои кишт, таъмини рушди устувории соҳаи кишоварзӣ ва беҳдошти экосистемаҳои табиӣ равона карда шудааст;

- дар асоси омузиши адабиёти илмӣ ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ консепсияи таназзули сифртахрибии заминҳои кишоварзӣ, тамоилҳо, қонуниятҳои инкишофи табиӣ ва омилу шароитҳои садди роҳи таназзулёбии заминҳои кишоварзӣ муайян гардида, самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва фишангҳои молиявӣ-иқтисодии ҳифзу нигоҳдории захираҳои замину об дар минтақаҳои кишвар баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ гардидааст;

- принсипҳо ва механизмҳои танзими экологӣ-иқтисодии сифртахрибӣ пешниҳод гардида, он ба рушди соҳаҳои афзалиятноки кишоварзӣ дар заминаи истифодаи оқилонаи захираҳои замину об, бо назардошти махсусиятҳои соҳавӣ, маҳдудиятҳои экологӣ, махсусгардонии истеҳсолот ва низоми киштгардон, ки ба самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии мнтақаҳои кишвар созгор мебошад;

- омилҳои асосии таъмини механизми сифртахрибии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи аз обзорҳои низоми экологӣ-иқтисодӣ гуруҳбандӣ карда шуда, сабабҳои асосии таназзулёбии захираҳои замину об, аз ҷумла норасоии маблағҳои молиявӣ-иқтисодӣ, фарсудшавии инфрасохтори обёрикунӣ аз фишори баланди экологӣ муайян карда шуда, таъсири бештари манфӣ аз ҳисоби истифодаи заминҳои мазкур ба пастшавии ҳосилхезии хок ва муҳити атроф ошкор карда шудааст;

- дар асоси таҳлили низоми заминдорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати дигаргунсозиҳои шакли моликият ва хоҷагидорӣ ба замин, муносибатҳои нави ташкилӣ-иқтисодӣ, ҷорӣ намудани кадастри замин ва мониторинги вазъи экологӣ, такмили механизмҳои танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ дар шароити сифртахрибии заминҳои кишт илман асоснок гардидааст;

- самтҳои асосии такмили механизми сифртахрибии заминҳои кишти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти принсипҳои рушди устувори кишоварзӣ ва истифодаи иқтисоди рақамӣ дар идоракунии захираҳои замин, инноватсияҳо ва фазои хуби сармоягузорӣ ба беҳдошти вазъи экологии минтақаҳои кишвар пешниҳод карда шудааст, ки он ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин ва истеҳсолоти кишоварзӣ дар маҷмуъ мусоидат менамояд.

4. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар муқаррароти назариявӣ-услубии рисолаи илмӣ асоснокии он ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Бахусус, такмили механизми сифртахрибии заминҳои кишт таҳлилу баррасӣ гардида, ҷанбаҳои назариявию услубии он дар диссертатсия ошкор карда шудааст, ки он ба таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунад. Баъзе аз муқаррарот ва натиҷаҳои илмии таҳқиқотро дар такмили барномаҳои курсҳои махсуси фанҳои таълимӣ барои донишҷуёни мактабҳои олӣ ҳамчун базаи назариявӣ-амалӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва услубиӣ пешниҳодгардида ба истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ ва рушди иқтисодиёти минтақавӣ мусоидат менамояд. Бахусус, хулосаҳои илмӣ-амалӣ, усулҳо, равишҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд ҳамчун афзори услубиию таҳлилӣ аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ зимни пешгирии вазъи ногувори экологӣ-мелиоративии заминҳои обёришаванда истифода шаванд. Ҷиҳатҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда барои афзун намудани ҳаҷми

истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар раванди такмили механизми сифртахрибии заминҳои кишти кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳои кишвар хизмат намояд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонад аз ҷониби Вазорати кишоварзи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, мақомоти давлатию маҳаллӣ зимни идоракунии захираҳои замин истифода бурда шавад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати аграрӣ, шаклу механизмҳои идоракунии сифртахрибии захираҳои замин ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти кишоварзӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот. Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва услубии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ, механизми идоракунии захираҳои замин ва таназзулёбии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, принсипу хусусиятҳои хоси танзими заминҳои кишти кишоварзӣ ва беҳдошти вазъи иҷтимоӣ бо такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва амалӣ мутобиқ ба мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳалли худро ёбад.

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он инъкосёфта, зимни арзёбии шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълумотӣ, назарсанҷиҳо, мушоҳидаҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳодгардида, омузиши дастҷамъонаи усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот ба даст оварда шавад. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро дар бахши истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва паст намудани таназзулёбии заминҳои кишт эҷодкорона истифода бурдааст.

Шиносоӣ бо мундариҷаи дисссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона ва боҷуръатона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст ва мустақилона бо факту рақамҳои омории

вобаста ба мақсади таҳқиқот гирдоварда, коркард ва натиҷагирӣ намудааст.

6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Диссертатасияи барои тақриз пешниҳодшуда аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 220 саҳифаи компютерӣ баён гардида, дорои 2 расм ва 25 ҷадвал ва 192 номгӯй адабиёт мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, баҳодиҳии дараҷаи илман коркардшудаи мавзуъ, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявию услубӣ, навгониҳои тадқиқоти илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуъ дарҷ гардидааст (С. 4-16).

Дар боби якуми диссертатсия - «Ҷанбаҳои назариявӣ ва услубии таҳқиқи механизми таъмини сифртахрибии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ», падидаи тахриб (деградатсия)-и захираҳои замин ва моҳияти «сифртахрибӣ», таҳлилӣ назариявӣ, заминаҳои илмӣ ва усулҳои идоракунии захираҳои замин ва ҳосилнокӣ ва истифодаи самараноки онҳо, механизмҳо ва афзорҳои иқтисодии танзими истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оиди таъмини сифртахрибии истифодаи заминҳои кишт таҳқиқ шудааст (С. 17-85).

Натиҷаҳои ба дастомада дар ин боби диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф зимни таҳқиқи заминҳои илмию назариявӣ оид ба тавзеҳи моҳият ва аҳаммияти захираҳои замин, ҳамчун омили муҳимми экологии муҳити зист ва воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ хизмат менамояд. Маҳз дар ҳамин маъно арзиши замин ва дигар захираҳои табиӣ барои рушди минтақаҳои кишоварзӣ дуруст баҳогузорӣ шуда, истифодаи оқилонаи онҳо барои таъмини барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ нақши созгор дорад. Истифодаи оқилона ва судманди иқтисодӣ барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва беҳбудии муҳити зист мусоидат менамояд (С. 20-33).

Муаллиф қайд менамояд, ки назарияи раванди таназзулёбии захираҳои замин ва ташаккули мафҳуми «сифртахрибӣ» дар маркази диққати мактабҳои гуногуни илмии ҷаҳонӣ қарор дорад. Танҳо, дарки фаҳмиши назариявии он наметавонад ба татбиқи мувафақонаи стратегияи устувори идоракунии заминҳои кишоварзӣ мусоидат намояд. Таъмини ин ҳадафҳо бе ташаккули чорабиниҳои дастҷамъонаи ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки ба амалӣ намудани сиёсати давлатӣ, таъмини ҳуқуқи истифодаи замин, инчунин, самараи баланди

зироатҳои кишоварзӣ бо сарфаи ками хароҷотҳо, ҳавасмандии нигоҳдорӣ ва бехдошти экосистемаи минтақавӣ, дар маҷмуъ, ғайриимкон мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурати таҳия ва истифодаи заминаҳои илмӣ ва услубии дақиқ ва амалишаванда пеш омада, метавонад, ки заминаи мусоид барои истифода, ҳифзу муҳофизати захираҳои замину об гардад. (С. 35-50).

Дар диссертатсия механизмҳо ва фишангҳои иқтисодии танзими истифодаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ доир ба таъмини сифртахрибии истифодаи онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуда, пешниҳод мегардад. Ба ақидаи муаллиф баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба амалӣ намудани чорабиниҳои дастаҷамъонаи муҳофизати табиат (чорабиниҳои агротехникӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, рушди низоми тухмпарварӣ ва истеҳсоли навъҳои нави тухмӣ, коркарди чуқури замин, чорабиниҳои биологӣ - истифодаи низоми мутобиқи ландшафти заминдорӣ ва ғайра) вобастагӣ дорад. Аз ҷониби дигар, маблағгузориҳо ба истифодаи оқилонаи заминҳои кишт ва обтаъминкунӣ хизмат намуда, он муносибати хосро тақозо менамояд (С. 60-80).

Дар боби дуюми диссертатсия - «Таҳлили вазъи кунунӣ ва хусусиятҳои истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи умумии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ дар соҳаи кишоварзӣ, таҳлили омилҳои густариши тахриби захираҳои замини кишоварзӣ дар мамлакат ва вазъи танзими давлатӣ ва сиёсати хифзи заминҳои кишоварзӣ мавриди омузиш қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳаммияти услубӣ ва амалӣ буда, дар доираи он моҳият ва мақоми захираҳои замини кишоварзӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳлил гардида, муаллиф таъмини сифртахрибиро ҳамчун омили муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои замин, аз нигоҳи арзиши экологӣ, идоракунии самаранокии идоракунии онҳо баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ менамояд. Ташаккули чунин як низоми заминдорӣ зарурати ташкили сохтори истифодаи заминҳои кишоварзӣ, баҳои самаранокии ҳар унсури он, мақоми онро дар кам намудани таназзулёбии захираҳои замин тақозо менамояд. Аз ин хотир, зарурати коркарди методология ва такмили ҷанбаҳои баҳои самаранокии истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Махсусан, барои соҳаи кишоварзӣ ин омил ҳамчун унсури муҳимми агробиологӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ хизмат менамояд. Амалкарди чунин як механизм бояд бо назардошти чорабиниҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоси рушди соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби давлат дастгирӣ карда шавад (С.86-103).

Хусусиятҳои хоси рушди соҳаи кишоварзӣ аз нигоҳи таҳлили муаллиф ба истифодаи самаранокии захираҳои замин мусоидат намуда, таҳлил ва арзёбии оимлҳои экологӣ-иқтисодии он аз бисёр ҷиҳат ба такмили механизми танзими сифртахрибӣ ва муносибатҳои заминдорӣ дар маҷмуъ мусоидат намуда, он барои рушди иқтисодиёти бисёрҷанбаи кишоварзӣ, таъмини бехатарии экологӣ ва озуқаворӣ, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, нигоҳдорӣ ва беҳдошти муҳити зист, равона гардидааст. Ташаккули чунин як муносибат ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ зарурати ташкили сохтори истифодаи захираҳои замин, баҳои самаранокии ҳар як унсури он, мақоми заминро дар рушди соҳаи кишоварзӣ тақозо мекунад. Аз ин хотир, коркарди услуб ва такмили механизмҳои танзими сифртахрибии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад (С.105-124).

Дар рисолаи илмӣ ошкорсозии масъалаҳои танзими давлатӣ ва сиёсати ҳифзи заминҳои кишоварзӣ дар заминаи сифртахрибии онҳо ва паст намудани шиддати таназулёбии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ диққати махсус дода шуда, масоили баҳои арзиши экологӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла такроистеҳсол ва ҳифзи захираҳои замини кишоварзӣ дар он мавқеи асосӣ дорад. Асоси методологияи мазкурро чорабиниҳои дастаҷамъонае ташкил медиҳанд, ки дар онҳо имконияти такроистеҳсоли захираҳои замин ва иҷрои функсияи замин ба назар гирифта шуда, омили замин дар якҷоягӣ бо рушди истеҳсолот ба ҳалли чорабиниҳои муҳофизати табиат дар минтақаҳои аридӣ мусоидат менамояд. Ва ҳалли масъалаи мазкур ба андешаи муаллиф, бе дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи захираҳои замин дар алоқамандӣ бо мақсад ва принсипҳои рушди устувори минтақаҳои кишвар муҳим мебошад, ки он ба таъсири самаранокӣ ва ҳифзи муҳофизати зист роли калон мебозад (С.124-145).

Дар боби сеюм - «Самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ» - роҳҳои татбиқи консепсияи сифртахрибӣ замин дар минтақаҳои Тоҷикистон ва самтҳои коҳиши деградатсияи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар заминаи татбиқи принсипҳои «сифртахрибӣ» мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст (С.146-193).

Ба андешаи муаллиф, татбиқи консепсияи таназзули сифрии истифодаи захираҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии аз таҳлили назариявию амалии мушкилоти таназзули заминҳои кишти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, таҳияи механизмҳои мутобиқатиии консепсияи рушди иқтисоди «сабз» на танҳо барои бартараф намудани маҳдудиятҳои экологӣ, балки шарти муҳимми

рушди устувори минтақаҳои агросаноатӣ ва ҳифзи гуногунрангии биологӣ мегардад. Аз ин рӯ, мутобиқсозии механизмҳои истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар самти таъмини рушди устувори кишварро тақозо мекунад. Ҳамзамон, натиҷаҳои баланди самаранокии соҳаи кишоварзӣ ҳамон вақт таъмин карда мешавад, ки агар давлат дар истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва беҳдошти вазъи экологии онҳо ҳавасманд бошад. Аз ин хотир, танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист дар шароити вилояти Хатлон барои муайян намудани дурнамои рушди устувори кишвар аз манфиат холӣ нест (С.146-190).

Муаллиф самтҳои коҳиши деградатсияи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлонро дар заминаи татбиқи принсипҳои «сифртахриб» ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода, онро ҳамчун механизми муҳими муносибатҳои нави заминдорӣ эътироф менамояд. Дар шароити кунунӣ фишанги экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун омили асосии баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳифзи захираҳои замин ба ҳисоб рафта, он аз чунин унсурҳои асосӣ, ба мисли: афзалиятӣ технологияи илмғунҷоиш, низоми киштгардонӣ аз нигоҳи илмӣ асоснокнамуда, обгунҷоиши зиротаҳои кишоварзӣ, баҳисобгирии хароҷотҳои экологӣ, таъмини ҳуқуқии муҳофизати муҳити табиӣ, тарбия ва маълумотноки экологӣ ва ғайра такя менамояд (С.164-193).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосӣ аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ, тавсияҳои судманд барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ ва зиндагии аҳолӣ анҷом ёфта, аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст (С.198-218).

7. Эроду тавсияҳо ба дисссертатсия.

Таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, баррасии мушкилоти ҷойдошта, исботи воқеияти навгониҳо ва пешниҳоду таклифотро оид ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва механизми таъмини сифртахрибии онро нишон медиҳад ва дар баробари ҷанбаҳои мусбат диссертатсия аз баъзе камбудиҳо низ орӣ нест, ки ба эътибор гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант хеле муҳим мебошад:

1. Қисмати мубрамии мавзуи рисолаи илмӣ бо далелҳои аниқу саҳеҳ оид ба мавҷудияти муаммоҳои таназзулёбии заминҳои кишоварзӣ бо назардошти таъмини бехатарии экологӣ ва озуқаворӣ асоснок карда мешуд, он гоҳ арзиши кори илмӣ аз ин ҳам баландтар мегардид;

2. Муаллиф агар зимни таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои назариявӣ-услубии идоракунии захираҳои замин ва таъмини механизмҳои сифртахрибӣ заминҳои кишоварзӣ, ба арзиши экологии заминҳои кишт ва

беҳшавии вазъи зиндагии ахолӣ бештар диққат медод, мазмуни рисолаи илмӣ аз ин ҳам пуразиштар мегардид.

3. Унвончӯ тавонистааст, ки натиҷаҳои назарраси илмиро ҳамчун ҳамчун навгонӣ дар шаш банд иброз намояд, лекин, мувофиқи мақсад мешуд, агар муаллиф зимни баррасии навгонии сеюм, ки дар он: Принсипҳо ва шартҳои калидии танзими экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ дар заминаи таъмини сифртахрибӣ ба масъалаи экологикунонии ҷараёни истеҳсолоти кишоварзӣ бештар аҳаммият медод ва маълум аст, ки он дар якчоягӣ бо рушди кишоварзии органикӣ метавон дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил гашт.

4. Зимни баҳои самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ бояд ба чунин омилҳо, ба мисли табиатғунҷоиш, захирасарфакунанда, омилҳои биологии ҳифзи захираҳои замин ва вазъи ландшафтҳои кишоварзӣ бояд такя менамуд, чунки ин омилҳо бевосита ба самаранокии иқтисодиёти кишоварзӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар созгор мебошад.

5. Чунон, ки ба мо маълум аст, ҳалли чорабиниҳои дастаҷамъонаи экологӣ-иқтисодӣ ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва беҳшавии вазъи иҷтимоӣ дар деҳот мусоидат менамояд ва ба назар гирифтани ин омилҳо зимни баҳои самаранокии истифодаи захираҳои замини кишти кишоварзӣ муҳим мебошад.

6. Дар рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ низ дида мешаванд.

Эродҳои номбаршуда ҷиддӣ набуда, характери тавсиявӣ дошта, онҳо ба сатҳи баланди илмӣ-амалӣ таҳқиқоти анҷомдода таъсири манфӣ намерасонанд.

8. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо ҳамаи марҳилаҳои тавсиявию тарҳрезии рисолаи илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, ба монанди интихоби мавзуъ, асоснонкунӣ ва аҳаммият, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мусоидат менамояд. Муаллиф, таҳия ва санҷиши муқаррароти услубиро оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар заминаи таъмини сифртахрибии заминҳои кишт ва танзими давлатии идоракунии захираҳои замин бо нишондиҳандаҳои асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ анҷом додааст.

9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии Ҳусайнзода С.М. ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсия ва автореферати Ҳусайнзода Сафаралӣ Мирзомурод дар

мавзуи «Механизми таъмини сифртахрибии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ (дар мисоли кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори раёсати Комиссияи олиии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 - марти соли 2022 №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

11. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани доаталаб ба дараҷаи илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Механизми таъмини сифртахрибии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ (дар мисоли кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Ҳусайнзода Сафаралӣ Мирзомурод сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Ташхисгар:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
и.в., профессори кафедраи
молияи ДДМИТ **Нурализода Э.Н.**

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
ДДМИТ, н.и.и., и.в., дотсент **Холов Р.Ш.**

Котиби ҷаласа, н.и.и., дотсенти кафедраи
таҳлили иқтисодӣ ва омори ДДМИТ **Урунбоев А.**

Имзои Э.Н. Нурализода, Р.Ш. Холов ва А. Урунбоев – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ **Мирҷамолов М.А.**

29.07.2026

Суроғаи донишгоҳ: 734067, ш. Душанбе,
к.Нахимов, 64/14, Тел: (99237) 231-02-01,
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj Сомона: www.tgfeu.tj